**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих)**

Дар аввали асри XX дар низоми алоқаи Тоҷикистон низ таҷҳизот ва технологияи муосири инноватсионии воситаҳои алоқа ба роҳ монда шуда, дар ҷумҳурӣ дар ин соҳа истифодаи алоқаи муосири моҳворай барои рушди минбаъдаи он имкониятҳои навро ба миён овард.

Аҳаммияти тадқиқи масъалаи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар давраи муосир бо таваҷҷуҳ ба гузариши ҷумҳурӣ ба роҳи иқтисоди бозорӣ хеле афзоиш ёфтааст.

Тадқиқи масъалаи мазкур аз он ҷиҳат аҳамиятнок аст, ки дар рисола то чи андоза муҳим будани таҷрибаи таърихии дӯстии халқҳои ИҶШС, муттаҳидӣ ва ҳамкории онҳоро дар ташаккул ва инкишофи низоми алоқа дар як вилоят нишон медиҳад. Солҳои 20 -30 –юми асри XX дар ноҳияҳои навтаъсиси вилояти Хатлон сарфи назар аз шароити сахти иқлимии кор, халқи тоҷик бо ёрии мутахассисони бисёре аз кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар як муддати кӯтоҳ хатти алоқаи почта, телефон, телеграф ва радиоро ташкил намуданд.

Мубрамияти мавзуи тадқиқшаванда боз бо он муайян карда мешавад, ки рушди воситаҳои алоқа дар давраи тадқиқшаванда, на танҳо баланд бардоштани иқтидори иқтисодии яке аз минтақаҳои ҷумҳуриро таъмин менамояд, балки аҳаммияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ дорад. Чунки дар натиҷаи сохтмони объектҳои алоқа аҳолии ҷумҳурӣ ба таври фаъолона ба сохтмони ҳаёти нави сотсиалистӣ ҷалб карда шудаанд.

Аз ин рӯ, хулосаи илмӣ ва баррасии ҳамаҷонибаи таҷрибаи андӯхташуда ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлон (солҳои 1924-1991) ва ба таври моҳирона аз онҳо бардоштани дарсҳои лозима, имкон медиҳад, ки дар оянда лаҳзаҳои аз ҳама муфид ва самтҳои он сиёсат мавриди истифода қарор дода шавад.

Бояд қайд намуд, ки омӯзиш ва хулоса кардани таҷрибаи ташакккул ва рушди воситаҳои алоқа мубрам буда, аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад.

Бинобар ин диссертасияи Қурбонов М.М. дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» як пажӯҳиши илмии арзишманд аст. Ин мавзуъ дар таърихнигории ватанӣ усулан камомӯхташуда мебошад. Муаллиф муҳим

будани мавзуи мавриди таҳқиқро асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши онро муайян сохта, ҳадаф ва вазифи таҳқиқотро возеҳ баён намуда, ҳамчунин ба андозаи зарурӣ навовариҳоро мушаххас намуда, аҳамияти назарӣ ва илмии рисоларо ошкор намудааст.

Сохтори рисола, мантиқан ба танзим даровардани матолиб, усули таҳлил ва баёни маводи бадастомада аз сарчашмаи бойгонӣ ба талаботе, ки барои сазовор шудан ба унвони номзади илми таърих муайян шудааст, ҷавобгӯй мебошанд.

Муаллифи рисола дар натиҷаи баррасиҳои қиёсӣ мубрам будани мавзуъро дар он муайян кардааст, ки накши бойгонӣ ва маълумотҳои бойгонии мазкур роҷеъ таърихи воситаҳои алоқаи Тоҷикистон аз мушоҳидоти шахсии муаллиф маншаи асосӣ мегиранд.

Баръало малум мегардад, ки муаллиф то ҳадди зиёде бо истифодаи моҳиронаи муҳаққиқ аз усулҳои таҳқиқи умумӣ ва хос ба даст омадааст, ки аз ҷумлаи онҳо таҳлили маҷмуӣ, таҳлилӣ-сохторӣ ва татбиқӣ-муқоисавӣ ба ҳисоб меравaнд.

Арзиши таҳқиқот, ба назари мо, дар он зоҳир мешавад, ки дар илми таърих як таҳқиқоти мустақил ва ҷомеъ анҷом ёфтааст,

Автореферат матолиби рисоларо пурра инъикос намуда, корҳои мунташиршуда нишондиҳандаи ҷанбаҳои аслии таҳқиқот ба ҳисоб меравaнд.

Хулоса, диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертасияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихни ватанӣ (илмҳои таърих) сазовор аст.

Сардори кафедраи
Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии
Факултети №4 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои таърих.,
полковники милитсия Юсуфзода А.Ю.

Имзои Юсуфзода А.Ю.-ро
Тасдиқ менамоям
Сардори ШК КҲШ факултети №4
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ,
полковники милитсия Олимзода А.А.

24.01.2023